ЎЗБЕКИСТОН РЕСПУБЛИКАСИ ОЛИЙ ВА ЎРТА МАХСУС ТАЪЛИМ ВАЗИРЛИГИ

САМАРҚАНД ДАВЛАТ УНИВЕРСИТЕТИ

Рўйхатга олинди:
№ БД–60230100–1.21
2021 йил "27" августа

"ТАСДИҚЛАЙМАН"
Р.И.Халмурадов
____________
202_ йил "__" ________

# ТОЖИК АДАБИЙ ТАНҚИДЧИЛИК ТАРИХИ
фанидан
## ФАН ДАСТУРИ

| | | |
|---|---|---|
| Билим соҳаси: | 200 000 | -Гуманитар ва санъат |
| таълим соҳаси: | 230 000 | -Гуманитар фанлар |
| Таълим шўъбаси, ихтисос. | 60230100 | -Филология ва тилларни ўқитиш: тожик тили |

<table>
<tr><td colspan="2">Фан/Коди модул<br>TATTM3006<br>(бакалавриат/<br>магистратура)</td><td colspan="2">Соли хониши<br>202_-202_</td><td>Семестри 1</td><td colspan="2">ECTS-Кредитҳо<br>6</td></tr>
<tr><td colspan="2">Фан/ Намуди фан:<br>Маҷбурӣ</td><td colspan="3">Забони таълим<br>Ӯзбекӣ/Тоҷикӣ</td><td colspan="2">Соатҳои дарси ҳафтаина<br>6</td></tr>
<tr><td rowspan="2">1</td><td colspan="2">Номи фан</td><td colspan="2">Машғулотҳои аудиторӣ<br>(соат)</td><td>Таълими мустақил<br>(соат)</td><td>Ҷамъи сарборӣ<br>(соат)</td></tr>
<tr><td colspan="2">Таърихи танқиди адабии тоҷик</td><td colspan="2">90</td><td>90</td><td>180</td></tr>
</table>

2

**I. Мазмуни фан**

Мақсади фанни «Таърихи нақди адабии тоҷик». Аҳамияти он барои мутахассисисон - донишандӯзони забон ва адабиёти точик. Дар дастур масъалаҳои даврахои асосии инкишофи таърихи нақди адабии форсу точик, мушкилоти нақди адабй, равишҳои асосии нақди адабии точик, нақди солим, маълумот доир ба таърих ва хусусиятҳои жанрии нақди адабй, жанрҳои асосии нақди адабй мавриди баррасй қарор ёфтааст.

Вазифаи фан дар бораи тавсифи илми нақди адабй ҳамчун як шохаи илми адабиётшиносй; айният ва тафовутҳои нақди касбй-профессионалй, нақди нависандагй ва нақди хонандагй; мазмун ва моҳияти равишҳои асосии нақди адабй; масъалаҳои мушкилоти асосии илми нақд ва вазифаҳои мунаққид; фарқ ва тафовути жанрҳои публисистй ва нақди адабй; мутаносибияти принсипҳои таҳқиқи осори бадей ва чараёни адабии ҳозира; давра ва марҳилаҳои ташаккули илми нақди адабй; нақди адабии рус, ўзбек ва адабиёти чаҳон маълумот додан мебошад.

**II. ҚИСМАТИ АСОСИИ НАЗАРӢ (машғулотҳои маърузавӣ)**

**II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:**

**Мавзӯи 1. Маълумот дар бораи нақд ва моҳияти он.**

Маънои луғавй ва истилоҳии калимаи нақд. Мавзўи баҳси нақди адабй. Мақсад ва вазифаи фанни «Таърихи нақди адабй». Баҳси илм ва ё санъат будани нақд. Нақди профессионалй-касбй ва махсусиятҳои он. Мунаққид ва илми адабиётшиносй. Шахсияти ноқид ва завқу ҳунари ў. Алоқамандии фан бо илмҳои дигар. Нақди нависандагй ва моҳияти он. Нақди хонандагй.

**Мавзӯи 2. Марҳилаҳои асосии инкишофи нақди адабии форсй-**

| | |
|---|---|
| | **точикӣ: Давраи асримиёнагӣ ва навин.**<br>Пайдоиш ва ташаккули афкори интиқодӣ дар давраи қадим. Назари шоирон дар бораи шеър. Масъалаҳои эчоди бадей дар муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абўмансурӣ. Саҳли мумтанеъ амчун меъёри шинохти шеър дар ин марҳила. Андешаҳои Фирдавсӣ дар бораи Дақиқӣ. Арзишҳои шинохти шеър. Накди завқӣ, накди ҳунарӣ, фаннӣ. Накди шеър аз назари Ибни Сино. Аввалин асарҳои назарӣ оид ба шеър ва эчоди бадей. Назари Родуёнӣ ба шеър. «Ал-мўъчам» ва масъалаҳои нақди адабӣ. Назари интиқодии Шамси Қайс ба шеър. Рашиди Ватвот ва назарияи инкишофи шеър. Андешаҳои танқидии Низомии Арўзӣ оид ба шеър. Умумият ва фарқияти андешаҳои интиқодии назариётчиёни ин давра. Дар заминаи ташаккули шеър ва масоили атрофии он шаклгирии афкори адабӣ танқидӣ. Муносибати шоирони ин давра ба суханварони пешин. Таъсири илми балоғати арабӣ ба зуҳуру инкишофи накди фаннӣ - истеҳсонӣ. Муносибати Анварӣ, Ҳоқонӣ, Рашиди Ватвот, Чамолиддини Исфаҳонӣ, Шамс Қайс ва Унсурулмаолии Кайковус ба масъалаи сирқат.<br>**Мавзўи 3. Асри Х1У-ХУ давраи сифатан нави инкишофи илми нақди адабӣ.**<br>Нақди шоирони сўфимазҳаб: асҳоби сук рва асҳоби саҳв. Фахрия ҳамчун ифодагари афкори адабӣ ва эстетикӣ. Шарҳи истилоҳоти адабӣ дар осори суханварони ин давра Афкори адабӣ эстетики Ҳофиз, Камол, Саъдӣ, Амир Хусрав, Насириддини дар бораи мантиқ, моҳият ва таърифи шеър. Саҳми Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ дар ташаккули накди адабӣ. Накди адабии Чомӣ ва моҳияти он. Арзиши интиқодии тазкираҳои Чомӣ, Навой, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Хондамир ва Мирхонд. Назари интиқодии тазкиранигорон оид ба шеъри шоирон дар мисоли тазкираҳои Нисорӣ, Мутрибӣ, Малеҳо ва ғайра. Арзши интиқодии «Мачолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоий дар таърихи илми накд. Тазкиранигорӣ ва арзиши илмию танқидии ин чараён дар ташаккули илми накд.<br>**Мавзўи 4. Нақди давраи нав ва марҳилаҳои инкишофи он.**<br>Накди маорифпарварон: ақидаҳои Дониш, Возеҳ, Савдо ва дигарон дар бораи эчоди бадей. Афкори илмӣ-танқидии Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ». Арзиши илмии боби 19-уми «Наводир-ул-вақоеъ». Шамсиддин Шоҳин ва аҳамияти гуфтаҳои ў бобати эчоди бадей. Тачдиди назари маорифпарварон дар масъалаи эчод. Накди чадидия ва моҳияти он. Афкори адабӣ - танқидии Мирзо Сироч ва Садри Зиё. Ҳадафҳои асосии накди адабии чадидия. Танқиди мавзўъҳои анъанавӣ ва афкори интиқодию илмии маорифпарварони тачаддудхоҳ. Танқиди забони муғлақу душворфаҳми осори |

классикии адабӣ. Арзишу қимати нашрияҳо дар густариши афкори илмӣ-танқидӣ. Афкори илмӣ-танқидии Садри Зиё дар «Наводири Зиёия» ва «Тазкор-ул-ашъор». Тачаддудхоҳӣ дар чараёни адабӣ. Афкори интиқодии Ачзӣ, Фитрат ва Айнӣ. Баҳси маорифпарварон дар бораи шакл ва мазмуни осори бадей. Идомаи анъанаи тазкиранигорӣ дар ин аҳд ва чанбаҳои танқидии онҳо.

**Мавзӯи 5. Пайдоиш ва ташаккули нақди тоза дар замони инкори суннатҳо ва мерос.**

Сифатан ба таназзул рӯ овардани илми нақд. Арзиши афкори илмӣ-танқидии Айнӣ дар «Намунаи адабиёти точик». Мақсад ва мароми С.Айнӣ аз таълифи ин асар. Мақоми Айнӣ дар муайян кардани самти чараёни адабии давр. Оғози парастиши маданияти «пролетарӣ». Парастиши ҳама гуна зуҳуроти нав. Танқиди ҳама гуна суннату анъанаҳо. Чун тамғаи рӯзгор баррасӣ гардидани «адабиёти дарбор», «шоири дарбор», «адиби рӯҳонӣ», «адабиёти динӣ», «маддоҳӣ», «давраи тираву тор» ва ғайра. Чорӣ гардидани арзиши синфӣ, партиявӣ ва халқии осори бадей. Хусусиятҳои сиёсӣ ва ичтимоӣ доштани ин нақд. Инкори арӯз, ғазал, қасида, анъана ва тарзи тасвири романтикӣ-тамсил, рамз, ташхис. Ба майдон омадани аввалини мунаққидони касбӣ: Шарифчон Ҳусейнзода, Холиқ Мирзозода, Н.Бектош, Абдулғанӣ Мирзоев. Мавқеи нақди нависандагӣ дар ин марҳила. Афкори адабию танқидии Абулқосим Лоҳутӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Сотим Улуғзода, Мирсаид Миршакар, Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ ва дигарон дар ин марҳила. Ривочи сотсиологизм – ичтимоигароии вулгар дар нақди адабӣ ва оқиатҳои он. Таҳкими реализми сотсиолистӣ ва таҳрифи томи реализм.

**Мавзӯи 6. Давраи бозгашт ва бозёфт.**

Роич гардидани назари таҳқиқи ба гузаштаи дур ва наздик. Мурочиат ба осори ниёгон. Барҳам задани марҳилаҳои «вакуум»-ии таърихи адабиёти форсӣ-точикӣ. Таваччҳҳ ба назари шеъру шоирӣ ва таърихи таҳаввули он. Таълифоти Баҳром Сирус, Тӯрақул Зеҳнӣ, Расул Ҳодизода, Муҳаммадчон Шукуров ва дигарон. Хизматҳои мунаққидон А.Мирзоев, А.Сатторов, Б.Валихӯчаев, Х.Шарифов, Урбат Тоҳиров, Р.Мусулмониён ва ғайраҳо дар ташаккули илми нақд ва паҳлӯҳои чудогонаи он. Фаъолияти ноқидии С.Табаров, Р.Амонов, А.Сайфуллоев, Ю.Бобоев, Х.Отахонова, Ч.Бобокалонова, Ҳ.Шодиқулов, С.Давронов дар ин давра. Баҳсҳо дар атрофи ғазали муосир, романи психологӣ ва умуман назму насри навин. Баҳси шеъри нав ва масъалаҳои асосии он. Ташаккули жанрҳои нақди муосир- мақола, тақриз, китобиёт, мусоҳиба, фелетон, эссе, мунозира ва рисола дар ин давр.

**Мавзӯи 7. Марҳилаи нақди асливу солим.**

Сурати тоза касб кардани илми нақд ва равияҳои асосии он дар нимаи

| | |
|---|---|
| | дуввуми солҳои 80-уми асри XX. Интишори мусоҳиба дар нақд. Ривочи фошгӯй ва ошкорбаёнӣ дар муайян кардани арзиши асар. Амиқрафти таваччӯҳ ба масъалаи шеъру шоирӣ. Фаъолияти наққодии Х.Асозода, А.Сатторов, Х.Шарифов, С.Табаров, Ч.Бақозода, Р.Мусулмонқулов дар ин давра. Интишори мунозира дар ин марҳила. Ривочи нақди нависандагӣ- завқию ҳунарӣ дар ин давра.<br>**Мавзӯи 8. Равишҳои асосии нақди адабӣ.**<br>Услубҳои асосии таҳқиқи асари бадей ва тарзҳои муайян кардани арзиши он. Равиши ахлоқии нақд. Омилҳои пайдоиш ва таърихи таҳаввули ин равиш дар илми нақд. Моҳият ва махсусиятҳои равиши ахлоқӣ дар муайян кардани арзиши асари бадей. Тарз ва усулҳои тадбиқи равиши ахоқӣ дар таҳлили асари бадей ва таҳқиқи он. Нақди ичтимой. Равиши ичтимоии нақд ва моҳияти он. Вобастагии адабиёти бадей ба ҳаводиси ичтимой. Таъсири мутақобили ҳаёти ичтимой ва адабиёти бадей. Муайян кардани арзиши ичтимоии асари ҳунарӣ ва дарачаҳои он. Аҳамият ва арзиши ин равиш дар таҳқиқи асари бадей. Тарзи таҳқиқи асари бадей аз чиҳати моҳитяти ичтимой. Нақди равоншиносӣ ва таърихӣ. Моҳияти принсипи таърихият дар асари бадей. Солимии факту рақаму бурҳон дар асари бадей. Таҳрифкорӣ дар таҳқиқи моҳитяти таърихии асари бадей. Нақди равоншиносӣ-психологӣ ва махсусиятҳои он дар таҳқиқи асари бадей. Маҳорати ҳунарии эчодкор ва нақди равоншиносӣ. Арзиши нақди равоншиносӣ дар муайян кардани дарачаи маҳорат ва қобилияти эчодкор. Мутаносибияти нақди равоншиносӣ ва жанри чеҳраи адабӣ. Руҳияти эчодкор ва нақди психологӣ. Андешаҳои мунаққидони хоричиву худӣ перомуни равишҳои асосии нақди адабӣ.<br>**Мавзӯи 9. Мушкилоти нақди адабӣ ва масъалаҳои асосии он.**<br>Мушкилоти интисоб дар таърихи танқид. Арзиши интисоб дар таҳқиқи асари бадей. Марҳилаҳои асосии интисоб дар муайян кардани арзиши асари бадей. Ҳодисаи «вазъу чаъл ва интиҳол» дар таърихи нақд. Мутаносибияти интисоб бо ҳодисаи «вазъу чаъл ва интиҳол». Мушкилоти тасҳеҳи матн. Моҳияти ва махсусиятҳои тасҳеҳи матни асар. Матншиносӣ ва тасҳеҳи матн. Нақди матн ва масъалаҳои асосии тасҳеҳ. Рукнҳои асосии тасҳеҳи матн: забт ва тасҳеҳ. Мушкилоти тасҳеҳи матни осори адабии классикӣ. Усулҳои асосии тасҳеҳи назм ва насри классикӣ. Аҳамати тасҳеҳи матн дар муайян кардани арзиши асари бадей.<br>**Мавзӯи 10. Манбаи илҳом ё худ сирқат дар нақд.**<br>Маънии истилоҳӣ ва луғавии сирқат (сирқот). Нуфузи сирқат дар эчоди бадей ва омилҳои асосии ин ҳолат дар таърихи адабиёти чаҳон. Манбаи илҳом ва маъхази осори бадей. Афкори адабӣ-назарии Унсурулмаолии Кайковус ва |

| | |
|---|---|
| | Шамс Қайси Розӣ бобати сирқат. Сирқати содда ва маъсумона дар эчоди бадей. Хатари ичтимой ва ахлоқии сирқат ва моҳияти он дар раванди адабӣ. Иқтибос, тақлид, пайравӣ ва назира дар чараёни адабӣ. Мутаносибияти онҳо ба масъалаи сирқат. Адабиёти замонавӣ ва масъалаи сирқат. Мувозина ва ё адабиёти тадбиқӣ. Тадқиқи қиёсӣ ҳамчун чавҳари мушкилоти мувозина дар накд. Мувозинаи нисбӣ ва асил. Афкори назарии Шамс Қайси Розӣ бобати масъалаи мувозинаи адабӣ. Масъалаи баҳси мувозина дар даврони ҳукумати шӯравӣ. Назарияи тадбиқи (типологӣ) ва махсусиятҳои он. Арзиши назарияи мазкур ва услубҳои он дар муайян кардани қимати осори ҳунарӣ. Афкори назарию илмии Вилма ва Сент Бёв бобати услуби мазкури тадқиқи асари бадей. Таносуб ва фарқияти байни назарияи тадбиқӣ-типологӣ ва мувозинаи адабӣ. Накди тадбиқӣ ва накди қиёсӣ.<br>**Мавзӯи 11. Тақриз ва мақола ҳамчун жанрҳои асосии накд.**<br>Хусусияти фаврии жанри тақриз. Маънии луғавӣ ва истилоҳии тақриз. Таърихи таҳаввули жанри тақриз дар илми танқид. Арзиши тақриз ва мавқеи он дар муайян кардани қимати асари бадей. Тақризи мусбӣ ва манфӣ. Нишонаҳои асосии жанри тақриз. Хусусияти раҳнамой ва дастурдиҳии жанри мазкур. «Тақризи асил» ва моҳияти ин мафҳум. Айният ва фарқияти жанрҳои такриз ва мақолаи танқидӣ. Айният ва фарқияти жанрҳои тақриз ва мақолаи танқидӣ. Қонуният ва махсусиятҳои жанри мақола. Услуб ва присипҳои асосии эчоди мақола. Сохт, таркиб, устухонбандӣ ва услуби эчоди мақола. Тамоюли аз чузъ ва кулл ё худ аз хусусӣ ба умумӣ гузаштан дар мақола.<br>**Мавзӯи 12. Муколама, мубоҳиса ва муншаот дар накди адабӣ.**<br>Муколама ва ё мусоҳиба чун жанри нақди адабӣ. Хусусиятҳои тафриқавӣ ва муштараки жанрҳои муколама ва мубоҳиса (мунозира). Муколама ва мунозираи мунаққиду мунаққид, мунаққиду эчодкор, хонандаву мунаққид ва тафсири он. Муншаот ва жанри нома дар илми накди адабӣ. Номаи кушод ва пӯшида (мустаор) ҳамчун навъҳои жанри муншаот. Хусусиятҳои услубӣ ва ғоявии жанрҳои фавқуззикр.<br>**Мавзӯи 13. Хулоса, чеҳраи адабӣ ва моҳияти он дар накд.**<br>Вазифаҳои жанри хулоса дар накди адабӣ. Арзиши жанри мазкур дар муайян кардани мавқеи асар дар раванди эчоди бадей. Чеҳраи адабӣ ва хусусиятҳои асосии он. Арзиши жанри мазкур дар муайян кардани дарачаи қобилият, чаҳонбинӣ, маҳорат ва ҳунари касбии эчодкор. Моҳитяи ин жанр дар баррасии симо ва сирати адиб. Таҳлили асар аз дидгоҳи адиб. Хусусиятҳои таърихию назарии жанрҳои нақиза, эссе, фелетон ва рисола.<br>**Мавзӯи 14. Накди адабӣ ва замони мо.**<br>Баҳси масъалаҳои силсилавии назму насри муосир. Фаъолияти |

мунаққидии М.Шукуров, А.Сатторов, А.Ҳаким, Х.Шарипов, А.Набиев, Ю.Акобиров ва дигарон. Нашри мероси назарии гузаштагон. Истифодаи ақидаҳои адабии пешин ҳангоми таҳлили намунаҳои адабиёти имрӯз. Накди нависанда ва моҳияти он. Назари интиқодии шоиру нависандагон, аз чумла С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ, М.Турсунзода, С.Улуғзода, Ч.Икромӣ, М.Қаноат, Лоиқ, Қутбӣ Киром, Аскар Ҳаким, Бозор Собир ва дигарон оид ба осори бадей. Заминаҳои инкишофи накди имрӯз. Накди адабии соҳавӣ ва фаъолияти мунаққидон вобаста ба жанру намудҳои адабиёт. Бо танқиди адабӣ машғул шудани шоиру нависандагон ва тамоюлоти накди онҳо. Баҳси ғазал ва моҳияти интиқодии он. Накд ва масъалаҳои насри муосир. Баҳсҳои интиқодии Лоиқ ва Қутбӣ Киром, Ю.Акбаров ва С.Маъмур, А.Сайфуллоев ва Ч.Одина ва ғайра. Афкори интиқодӣ перомуни шеъри муосири нав. Бурду бохти накди имрӯзи точик. Алоқамандии пешрафти накд бо тараққиёти адабиёти бадей.

**III. Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ**

Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

1. Накди адабӣ дар Юнони қадим.
2. Танқиди адабии тоҷик дар асрҳои 1Х-Х111.
3. Фанни шеър ва андешаҳои Арасту, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд ва Насриддини Тӯсӣ.
4. Накди адабии тоҷик дар асрҳои Х1У – ХУ1 дар Мовароуннаҳр ва Хуросон.
5. Афкори илмӣ назарӣ ва танқидии асримиёнагии форсу тоҷик.
6. Ақидаҳои танқидии мутафаккирон дар тазкираҳо ва асарҳои илмӣ назарии форсу тоҷик дар асрҳои X-XV
7. Равиши ахлоқӣ ва иҷтимоӣ
8. Равиши таърихӣ ва психологӣ
9. Тазкира ҳамчун жанри асосии накд.
10. Мақола ва тақриз чун жанрҳои танқиди адабӣ.
11. Масъалаи интисоб ва сирқат дар таърихи адабиёти форсу тоҷик.
12. Накди адабии аҳди маорифпарварӣ ва тачаддудхоҳӣ.
13. Меъёрҳои таснифоти жанрҳои накди адабӣ.
14. Таҳлили тақризҳо М.Шукуров, Ч.Бақозода, А. Сатторов, С.Табаров, Р.Мусулмонкулов.
15. Жанри мақола дар танқид ва хусусиятҳои ба худ хоси он.
16. Жанри чеҳраи адабӣ ва моҳияти он.
17. Луқма ва фелетон – нақиза дар танқиди адабӣ.
18. Омилҳои шаклгирии илми танқиди адабии тоҷик.
19. Накди завқӣ ва ё нависандагӣ дар илми адабиётшиносӣ.

20.Масъалаи тасҳеҳи матн дар танқиди адабӣ.

Машғулотҳои амалӣ дар аудиторияи бо воситаҳои мултимедӣ чиҳозноккунонидашуда ба як гурӯҳи академикӣ аз тарафи як муаллим бояд гузаронида шавад. Машғулотҳоро бо ёрдами усули фаъол ва интерфактив ба роҳ мондан, инчунин аз технологияҳои педагогӣ ва ахборотӣ самаранок истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.

**IV. Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона**

Аз рӯи фанни мазкур мавзӯъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Нақди адабй дар Юнони қадим.
2. Соҳиб Табаров – мунаққид.
3. Таҳлили мулоҳизаҳои низомии Арӯзии Самарқандй дар бораи шеъру шоирй.
4. Нақди адабии точик дар солҳои 1920-1937.
5. Афкори адабию танқидии Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома»
6. Нақди адабии форсу точик дар аҳди маорифпарварй.
7. Худой Шарипов – мунаққид.
8. Таҳлили афкори адабию танқидии Ҳабиб Юсуфй.
9. Танқиди адабй ва адабиёти бачагон.
10. Чонон Бобокалонова – мунаққид.
11. Шамс Қайси Розй ва афкори адабию танқидии ӯ.
12. Мавқеи тазкираҳо дар ташаккули илми нақди адабй.
13. Афкори адабию танқидии Чомй дар «Баҳористон».
14. Нақди адабй то давраи Ислом.
15. Нақди адабй дар Руссия. (Асрҳои Х1Х-ХХ)
16. Нақди адабй дар солҳои 1946-1954
17. Маъруфи Рачабй - мунаққид.
18. Лоиқ Шералй ва афкори адабию танқидии ӯ.
19. Фаъолияти мунақидии Белинский.
20. Фаъолияти мунақидии Муҳаммадчон Шукуров.
21. Чӯрахон Бақозода – мунаққид.
22. Жанри тақриз дар мачаллаи «Садои Шарқ».
23. Афкори адабии Садриддин Айнй дар «Намунаи адабиёти точик».
24. Афкори танқидии Мирсаид Миршакар ва Абдусалом Деҳотй.
25. Масъалаи сирқат аз назари Шамс Қайси Розй.
26. Шамс Қайси Розй дар бораи ашъори Рӯдакй.
27. Афкори адабй – танқидии Ҳофиз.
28. Алишер Навой дар бораи масъалаҳои эчоди бадей.
29. Афкори адабй- танқидии Саъдй, Камол ва Ҳофиз.

| | |
|---|---|
| | 30. Мукотибаҳои Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ.<br>31. Афкори адабию танқидии Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ».<br>32. Арзиши ашъори Рӯдакӣ аз назари муосиронаш.<br>33. Фирдавсӣ дар бораи Дақиқӣ.<br>34. Фикрҳои танқидии Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ.<br>35. Афкори адабию танқидии Сайидо, Зебуннисо ва Бедил.<br>36. Шоҳин дар бораи осори аҳмади Дониш.<br>37. Нақди адабӣ дар Рими Қадим.<br>38. Афкори адабию танқидӣ дар Қуръон.<br>39. Муносибати назариётчиёни асримиёнагӣ дар бораи шеъри матбӯъ ва шеъри маснӯъ.<br>40. Нақди адабӣ ва роҳҳои инкишофи он аз нигоҳи Х.Шарифов.<br>41. Гуфтугӯ дар атрофи мубоҳисаҳои шоирон Лоиқ ва Қутбӣ Киром.<br>42. Шинохти ҳақиқати баҳси М.Шукуров ва Сорбон дар баҳси мачаллаи «Садои Шарқ» оиди «Мсъалаҳои насри муосир».<br>43. Фанни шеър ва андешаҳои Арасту, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд ва Насриддини Тӯсӣ.<br>44. Таҳлили мубоҳисаҳои С.Улуғзода ва А.Сайфуллоев доир ба повести «Ривояти суғдӣ».<br>45. Фаъолияти мунаққидии Сотим Улуғзода дар солҳои 30-юм.<br>Аз рӯи мавзӯъҳои мустақилона ба донишҷӯён навиштани реферат ва гузаронидани тақдимот тавсия карда мешавад. |
| 3 | **V. Натиҷаҳои омӯзонидани фан (компетенцияҳои ташаккулёбанда)**<br>Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фан:<br>• дар ҷараёни омӯзиши фанни Таърихи танқиди адабӣ: мазмун ва моҳияти фанни таърихи танқиди адабӣ; тавсифи умумии мафҳуми «нақди адабӣ»; мезони арзишҳои асари бадей; моҳияти кори мунаққиди профессионал-касбӣ, нақди нависандагӣ ва нақди хонандагӣ; давраҳои таърихӣ ва марҳилаҳои асосии илми нақди адабӣ; равишҳои асосии нақд ва мазмуну махсусиятҳои он; омилҳои асосӣ ва хусусиятҳои таърихию назарии жанрҳои нақди адабӣ; равия ва тамоюлоти танқиди адабии давраи нав ба ***тасаввурот ва дониш соҳиб бошад;***<br>• Донишҳои назарии оиди фанни мазкур ҳосилкардаро, осори бадеии вакилони адабиёти давраҳои муайяни таърихи адабиёти форсу точикро таҳлил карда тавонад, арзишҳои онро муайян карда тавонад, таҳлил ва таҳқиқи осори навакак эчодгаштаро дар сари вақт баҳо дода тавонад ва равия ва тамоюлоти асосии эчодиёти шоирони давраи навини адабиёти тоҷикро муайян карда тавонад ва ***ба маҳорати аз онҳо истифода намудан*** |

| | |
|---|---|
| | ***соҳиб бошад;*** <br>• Дар бораи таҳлил ва таҳқиқи осори илмӣ-интиқодии назариётчиёни асри миёнагӣ; зинаҳои асосии инкишофи нақди давраи нав; таҳқиқи тақриз ва мақолаҳои танқидии мунаққидони нимаи дуюми асри XX; тарзи тадбиқи равиш ва мушкилоти танқиди адабӣ дар муайян кардани арзиши асари бадей; нақди матн ва тадбиқи ин метод дар асоси осори адабиёти мумтозро бояд андӯзад ва дар бораи ҳаллу фасли ин масъалаҳо ба ***малакаи муайян соҳиб бошад.*** |
| 4 | **VI.** Методҳо ва технологияҳои таълим: <br>• маърузаҳо <br>• кейс-стадиҳои интерфаъол; <br>• семинар (мантиқан фикр кардан, саволу ҷавоби тезкор); <br>• машғулоти амалӣ; <br>• бо гурӯҳҳо кор кардан; <br>• тақдимот намудан; <br>• лоиҳаҳои индивидуалӣ; <br>• ассисментҳо; <br>• лоиҳаҳо барои ҳимоя кардан ва бо ҷамоа кор кардан. |
| 5 | **VII. Талабот барои гирифтани кредитҳо:** <br>Пурра аз худ намудани мафҳумҳои назарӣ ва амалии фан, дуруст баррасӣ намудани натиҷаҳои таҳлил, иҷро намудани супориш ва вазифаҳо дар шаклҳои назорати ҷорӣ, марравӣ ва мушоҳидаҳои мустақилона доир ба ҷараёни омӯзиш, аз рӯи назорати ниҳоӣ супоридани кори хаттӣ. |
| 6 | **Адабиётҳои асосӣ** <br>1. Бобокалонова Ҷ. Назаре ба таърихи таниди адабии точик.- Душанбе: Маориф, 2003. <br>2. Маъруфи Раҷабӣ. Таърихи танқид ва адабиётшиносй. – Душанбе: Адиб, 1997. <br>3. Ҳамроев Ҷ. Таърихи танқиди адабй. Душанбе: «Ирфон» 2006. <br>4. Табаров.С.Ш. Асосҳои назарияи танқиди адабй. Душанбе. 1999. <br>**Адабиёти иловагӣ** <br>5. Мирзиёев Ш.М. Эркин ва фаровон демократик Ўзбекистон давлатини биргаликда барпо этамиз. Тошкент, “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 29 б. <br>6. Мирзиёев Ш.М. Қонун устуворлиги ва инсон манфаатларини таъминлаш юрт тараққиёти ва халқ фаровонлигининг гарови. “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 47 б. <br>7. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб халқимиз билан |

бирга қурамиз. “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 485 б.
8. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2017 йил 7 февралдаги “Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича ҳаракатлар стратегияси тўғрисида” ги ПФ-4947-сонли Фармони. Ўзбекистон Республикаси қонун ҳужжатлари тўплами, 2017 й., 6-сон, 70-модда
9. Ҳамроев Ч. Накди шеър. (Солҳои 60-80 уми асри XX). Тошкент:- «Фан», 2006.
10. Табаров.С.Ш. Дастури таълимӣ доир ба назарияи танқиди адабӣ. қ 1-2 Душанбе 1980-1883.
11. Абдулҳусайни Зарринкўб. Накди адабӣ. Чилди аввал ва дуввум. – Теҳрон: Амири Кабир, 1373.-921 с.
12. Сируси Шамисо. Накди адабӣ. –Теҳрон: 1383.
13. Ҳамроев Ч. Накди Юнони қадим ва фанни шеър дар адабиёти форсӣ (дастури таълимӣ). – Самарқанд, 2001.
14. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати точик, ч.1. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи точик, 1988. – 545с.
15. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати точик, ч.2. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи точик, 1989. – 560с.
16. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати точик, ч. 3. – Душанбе: С.И.Э.М.Т,2003
17. Баранов В.И. Бочаров А.Г. Суровцев Ю.И. Литературно- художественная критика. Учебное пособие для судентов вузов. – Москва: Высшая школа. 1982.
18. Сатторов А. Аз таърихи афкори адабӣ ва эстетики форсу точик (асрҳои Х-Х11). – Душанбе: 1972. 168 с.
19. Лукянов. Г. Методилогические проблемы художественной критики. Москва 1980.
20. Шукуров М. Паҳлўҳои танқиди адабӣ. Душанбе: «Ирфон» 1976.
21. История русской литературной критики. Под редакцией. В.В.Прозоров. Москва: «Высшая школа» 2002. ст.7-20.
22. Айнӣ Садриддин. Намунаи адабиёти точик. – Москва, 1926,
23. Амон Рачаб. Танқид ва чараёни адабиёт. – Садои Шарқ, 1972, №2.
24. Асозода Худойназар. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он. – Душанбе: Маориф, 1991.
25. Баранов В.И. (ва муаллифон). Литературно художественная критика. – Москва, Висщая школа, 1982.
26. Бараҳонӣ Ризо. Тилло дар мис. – Теҳрон.
27. Бахтин Н.Н. Литературно критические статьи. – Москва: Худож. лит,

| | |
|---|---|
| | 1986.<br>28.Бақозод Чӯрахон. Нависанда ва идеали замон. – Душанбе: Адиб, 1987.<br>29.Бақозода Чӯрахон. Қиёми шеър. – А.С, 1992, 2 апрел.<br>30.Белинский В.Г. Чанд мақола. – Сталинобод, 1961.<br>31.Валихӯчаев Б., Холматов Ш. Ӯзбек совет адабий танқид таърихи. Лексия текстлари. 1-2 қ. – Самарқанд, 1983-1984.<br>32.Зарринкӯб. Танқиди адабй. – Теҳрон.<br>33.Зарринкӯб. Шеъри бедурӯғ, шеъри бениқоб. – Теҳрон, 1535.<br>34.Кадканй. Дуктур Муҳаммадризо Шафей. – Сувари хаёл дар шеъри форсй. – Теҳрон, 1550.<br>35.Мирзозода Х. Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт. – Душанбе: Ирфон, 1973.<br>36.Ҳодизода Р. Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти нави точик. – Душанбе: Ирфон, 1974; Аз Рӯдакй то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1988.<br>37.Ҳусейнзода Ш. Баҳс ва андеша. – Душанбе: Ирфон, 1964; Гуфтор аз ганчи сухан. – Душанбе: Ирфон, 1985.<br>38.Шарифов Х. Каломи бадеъ. – Душанбе: Маориф, 1991. 160 с.<br>39.Шарифов Х. Услуб ва камолоти сухан. – Душанбе: Ирфон, 1985.<br>40.Чомй А. Баҳористон.-Душанбе: Адиб, 1997. (Боби ҳафтум. саҳ.102-125.)<br>41.Шамс. Қайси Розй. Ал мӯъчам. -Душанбе: Адиб,1991.<br>42.Авфии Бухорой. Лубоб-ул-албоб. – Лондон: 1906.<br>43.Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнй. Бадоеъ-ус-саноеъ. – Душанбе: Маориф, 1974. 221 с. (Бо сарсухан ва тавзеҳу таҳрири Р.Мусулмонқулов)<br>44.Кайковус Унсурулмаолй. Қобуснома.- Душанбе: Маориф, 1979. 192 с.<br>45.Муҳаммад ибн Умар Родуёнй. Тарчумон ул балоға. – рашидуддини Ватвот. Ҳадоиқ - ус – сеҳр. / таҳияи матн ва тавзеҳоти Х.Шарифов. – Душанбе: Дониш, 1987.<br>46.Низомй Арӯзии Самарқандй. Чаҳор мақола. /Муаллифи сарсухан ва таҳиякунандаи матн. Х. Шарифов ва У. Тоиров. – Душанбе: Ирфон, 1986.<br>**Манбаъҳои ахборӣ:**<br>47.www.ZiyoNet.uz<br>48.http://www.skachatreferat.ru/<br>49.tg.wikipedia.org›Абдурахмон Чомй<br>50.http://yandex.ru/Адабиёти+точик&clid<br>51.http://dic.academic.ru/<br>**52.**http://ru.wikipedia.org/wiki/модернизм... |
| 7 | Дастури фан ____________ соли 2021 таҳти баённомаи рақами ___ дар шӯъбаи таълимӣ-услубии Донишгоҳи давлатии Самарқанд маъқул шудааст. |
| 8 | **Масъулон ба фан/модул:** |

| | |
|---|---|
| | Ҷ.Ҳамроев - доктори фанҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС<br>А.А.Шерназаров – доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС |

| | |
|---|---|
| | Ч.Ҳамроев - доктори фанҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС<br>А.А.Шерназаров – доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС |
| 9 | **Муқарризон:** |
| | С.Саъдиев – доктори фанҳои филологӣ, профессори профессори кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС<br>Д.Бабаева – номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ДТС |

**Кафедра мудири:** Ч.Ҳамроев **проф. Ч.Ҳамроев**

**Кенгаш раиси:** **проф. А.Пардаев**

**"Тасдиқлайман"**
**СамДУ ўқув ишлари бўйича проректори:**
**_________А.С.Солеев**
**«24» Август 2021 йил**